# ХУЛОСАИ НИҲОИИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 14.01.2026, №8

Барои сазовор донистани Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт).

Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзӯи “Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт) ба ҳимоя 30-юми октябри соли 2025 қабул карда шуд, суратмаҷлиси №4 шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ (734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи академикҳо Раҷабовҳо, 10), ки он дар асоси фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №11/шд таъсис дода шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович 6-уми январи соли 1989 таваллуд шудааст, миллаташ тоҷик, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Номбурда соли 2006 ба Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ ба ихтисоси “Пулҳо ва нақбҳои нақлиётӣ” дохил шуда, онро соли 2011 бомуваффақият хатм намудааст. Инчунин соли 2016 ба Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт дохил шуда, онро соли 2020 бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Аз соли 2008 то соли 2014 ба ҳайси ёрдамчии коменданти хобгоҳи Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, омӯзгори мактаби таҳсилоти асосии №19-и н. Тоҷикобод кор кардааст. Аз соли 2014 то соли 2022 ҳамчун сардори шӯъбаи кор бо ҷавонон, муовини декани факултети «Технологияи иттилоотӣ ва иқтисодиёт», мутахассиси деканати факултети «Технологияи иттилоотӣ ва иқтисодиёт», декани факултети «Технологияи хизматрасонӣ», муовини директор оид ба илм ва робитаҳои хориҷӣ, муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, декани факултети «Технологияи иттилоотӣ ва хизматрасонӣ», декани факултети «Технология ва дизайн», мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва мудири шуъбаи хоҷагидории Коллеҷи технологии шаҳри Душанбе фаъолият намудааст. Аз соли 2022 то соли 2024 вазифаи

сардори шуъбаи кадрҳо, корҳои махсус ва бойгонии Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанберо ба уҳда дошта, ҳамзамон чун омӯзгори калони кафедраи фанҳои гуманитарии коллеҷи мазкур фаъолият кардааст.

Аз соли 2015 то соли 2020 аспиранти шӯъбаи ғоибонаи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва аз соли 2024 то ҳол мудири кафедраи фанҳои гуманитарии Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе аст.

Диссертатсия дар шуъбаи таҳқиқоти инфрасохтории Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Рауфӣ Абдуғаффор – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ: Ҷалилов Умарҷон Ҷамилович –** доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, **Давлатзода Эҳсон Давлат –** номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба таълими факултети молия ва қарзи Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат доданд.

**Муассисаи пешбар** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар.

Хулосаи мусбати додашудаи муассиса, ки аз тарафи доктори фалсафа (PhD), мудири кафедраи назарияи иқтисод Шамсов Ҷумъахон Исоевич, номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи нақлиёти автомобилӣ Холов Нурмаҳмад Шарифович ва номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ашуров Носир Амонқулович омода гардидааст, дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, суратҷаласаи №5 аз 2-юми декабри соли 2025 баррасӣ гардида, аз тарафи раиси ҷаласа – доктори фалсафа (PhD), мудири кафедраи назарияи иқтисод Шамсов Ҷумъахон Исоевич, ташхисгарон – номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи нақлиёти автомобилӣ Холов Нурмаҳмад Шарифович ва номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. дотсенти кафедраи нақлиёти автомобилӣ Ашуров Носир Амонқулович ва котиби ҷаласа – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ Расулзода Д.Б. имзо шуда, аз тарафи ректори Донишгоҳи зикршуда д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. санаи 2.12.2025 тасдиқ шудааст.

Дар хулоса қайд гардидааст, ки диссертатсия дар мавзӯи “Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт) ҳамчун кори илмии тадқиқотии мустақил ва ба анҷом расида дониста шуда, ба талаботи КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои диссертатсияҳои номзадӣ, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ, навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи муҳими илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопшуда дорад:

[1-М]. Раҷабов Р.К., Шодиев Ш.К., Наҷмуддинов Н.А. Ҷанбаъҳои назариявии моҳияти иқтисодии инфрасохтори нақлиётии минтақавӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – №2/4, 2017. Қисми I. – С.89-94.

[2-М]. Солиев Н.М., Наҷмуддинов Н.А. Социально-экономическое развитие горных районов – основа устойчивого развития сельского хозяйства [Текст] // Иқтисодиёти Тоҷикистон Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ. – №4, 2017. – С.198-202.

[3-М]. Наҷмуддинов Н.А. Транспортной инфраструктуры Республики Таджикистан, Вопросы кластеризации транспортной инфраструктуры Республики Таджикистан в годы независимости [Текст] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – №2/4 2017, Қисми 2. С.-179-182.

[4-М]. Солиев Н.М., Наҷмуддинов Н.А. Рациональное использование земельных ресурсов в горные районы Республики Таджикистан [Текст] // Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН, 2018, № 1. – С.162-167.

[5-М]. Наҷмуддинов Н.А. Факторы, влияющие на кластеризацию объектов транспортной инфраструктуры в условиях Респуплики Таджикистана [Текст] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). 2018, №3. – С.162-165

[6-М]. Наҷмуддинов Н.А. Таҳлили динамика ва сохтори рушди инфрасохтори нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ). – №7, 2019. – С.177-181.

[7-М]. Наҷмуддинов Н.А. Ҷорӣ кардани методҳои стратегии идораи рушди ифрасохтори нақлиётӣ [Матн] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – № 6, 2020. – С.155-160.

[8-М]. Наҷмуддинов Н.А. Совершенствование механизмов управления автомобильным инфраструктурным развитием в условиях государственно-частного партнёрства [Текст] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2023, №4. Қисми 1 – С.83-90.

[9-М]. Наҷмуддинов Н.А., Абдуғаффор Рауфӣ. Оценка управления развитием транспортной инфраструктуры (на таджикском языке) [Текст] // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. 2025, №8. – С.94-103.

**Дар дигар маҷаллаҳо:**

[10-М]. Маҳмадов Ш.Р., Наҷмуддинов Н.А. "Вопросы кластеризации транспортной инфраструктуры РТ" "Перспективы развития науки образования" [Матн], Конференсияи VIII байналмилалии илмӣ-амалии «Дурнамои рушди илм ва маориф» бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 60-солагии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ (3-4 ноябри соли 2016). – С.373-376.

[11-М]. Наҷмуддинов Н.А. Рушди соҳаи нақлиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷанбаъҳои консептуалӣ ва асосҳои назариявӣ-методологии ташаккули шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе, 2022. – С. 121-128.

[12-М]. Наҷмуддинов Н.А. "Таҷрибаи мамлакатҳои хориҷии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ", Конференсияи илмию амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Нақши рақамикунонӣ ва низомҳои зеҳнӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] (Бахшида ба "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф", солҳои 2020-2040) Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (13-декабри соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 132-148.

**Ба диссертатсия ва автореферат тақризҳо ворид шуданд:**

**1. Самандарзода И.Ҳ.** – д.и.и., профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур чунин эрод пешниҳод намудааст:

-дар автореферати кори диссертатсионии мазкур агар диссертант дар баробари дар сатҳи зарурӣ асосҳои назариявии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётиро дар шароити иқтисоди бозорӣ мавриди таҳқиқ қарор додан хусусиятҳо ва проблемаҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётиро дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурнии Тоҷикистонравшан нишон медод, он гоҳ мазмуни кор боз ҳам бой мегашт.

**2. Шамсзода И.С.** – д.и.и., профессори кафедраи системаҳои иттилоотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон эроди зеринро гирифтааст:

-дар баробари муваффақиятҳо дар автореферат чунин камбудӣ ба назар мерасад, ки муаллиф дар автореферат динамикаи маҷмӯи маҳсулоти минтақавиро таҳия намудааст, аммо шарҳи динамика дар матни автореферат вуҷуд надорад.

**3. Файзуллоева С.Ҷ.** – н.и.и., муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон чунин эрод дорад:

-агар муаллиф дар автореферати диссертатсия омилҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётиро, ки мавриди таҳқиқ қарор додааст, дар расми алоҳида бо алоқамандии байни якдигариашон нишон медод, он гоҳ кор боз ҳам аёнтар мегардид.

**4. Раҳматзода Ҳ.Б.** – д.и.и., профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ ва иқтисоди ҷаҳони Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон эроди зеринро таъкид кардааст:

-дар қисматҳои алоҳидаи таҳлил маълумоти тасвирӣ агар пурра бо шарҳи матнӣ ҳамоҳанг мегардид, мазмуни кор боз ҳам баланд мешуд.

**5. Ғоибназарзода С.М.** – д.и.и., дотсент, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон эроди зеринро баён доштааст:

-дар кор роҳҳои такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд, вале дар баъзе расмҳои овардашуда иқтибос нест.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, эродҳо хусусияти тавсиявӣ доранд.

Интихоби муқарризони расмӣ бо мавҷудияти салоҳият ва мавқеи устувор дар доираи таҳқиқот вобаста ба такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мавҷудияти интишорот дар соҳаи мазкур ва қобилияти баҳодиҳӣ ба аҳамияти илмию назариявии диссертатсия, ҳамчунин бо ризоияти шахсӣ барои пешниҳоди тақриз асоснок шудааст.

Интихоби муассисаи пешбар бо он асоснок карда шудааст, ки Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав дар самти илми дахлдор шинохташуда буда, қодир аст, ки арзиши илмӣ ва амалии диссертатсияро муайян намояд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад,** ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани тадқиқоти илмӣ:

-механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ тариқи илмӣ-назариявӣ **асоснок гардонида шуда,** системаи идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ **мушаххас карда шудааст;**

-хусусияти механизмҳои ташкилию иқтисодии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ вобаста ба гуногунии шаклҳои моликият дар соҳа ба таври мукаммал **баррасӣ карда шудааст;**

-таъсири омилҳо ба механизмҳои идоракунии рушди инфарсохтори нақлиётӣ ва таъсири идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ба баландшавии натиҷагирии кори нақлиёт ва динамикаи афзоиши иқтисодиёти кишвар **муайян карда шудааст;**

-суръатгирии ҳамгироии идораи рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо системаи ягонаи нақлиётии мамлакат, ки ҷараёни тезонидани кашондани молҳоро дар сохтори иқтисодии кишвар таъмин мекунад, **муқаррар карда шудааст;**

-такмилдиҳии механизмҳои ташкилӣ-иқтисодии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва рақобатпазирии рушди муассисаҳои нақлиётӣ дар бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ **асоснок карда шудааст;**

-консепсияи шарикии давлатӣ-хусусӣ дар идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии мамлакат ҳамчун механизми такмилёфтаи иқтисодиву ташкилии идоракуниии рушди системаи мазкур **коркард шудааст.**

**Аҳамияти назариявии таҳқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки:** пешинҳодоти илмии назариявие, ки дар чаҳорчӯбаи таҳқиқи масъалаҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ ифода ёфтааст, пеш аз ҳама ба асосноккунии назариявӣ ва амалии вазифаҳои мубрам дар соҳаи иқтисодиёти кишвар равона карда шудаанд. Онҳо метавонанд ҳамчун маводи аввалия барои таҳқиқоти минбаъда, ки ба такмили идоракунии рушди системаҳои мамлакат дар маҷмӯъ нигаронида шудаанд, истифода шаванд. Омилҳои хусусияти эндогенӣ ва экзогенидошта, қонуниятҳои асосии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ, инчунин самтҳои стратегии рушди системаи ягонаи нақлиётӣ метавонанд ба сифати асоси назариявӣ-методологӣ барои таҳқиқоти минбаъда аз рӯйи мавзӯи мазкур хизмат кунанд. Хулосаҳо ва пешниҳодоти назариявии дар диссертатсия баёнгардида, инчунин таҳлили муаллифии идоракунии инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд ҳамчун манбаи иловагӣ барои таҳқиқоти минбаъдаи назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи ошкорсозии қонуниятҳо ва хусусиятҳои ташкил ва идораи сохторҳои иқтисодӣ дар мамлакат мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳамияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки:**

Методикаи пешниҳодшудаи арзёбии таъсири механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии ҶТ ба рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат барои асосноккунии самтҳои стратегии рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар истифода шуда метавонад. Инчунин натиҷаҳои илмии таҳқиқотро дар таълими фанҳои “Иқтисодиёти нақлиёт”, “Менеҷмент дар нақлиёт”, “Менеҷменти стратегӣ”, “Ташкил ва идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ”, “Иқтисоди

минтақавӣ” ва дигар фанҳои тахассусӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки:** таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд:

-асосноккунии илмӣ-назариявии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ дар системаи муносибатҳои иқтисодӣ, ки ҳамчун инфрасохтори иқтисодиёти мамлакат барои рушди самараноки иқтисодиёт ва иҷтимоиёти кишвар шароитҳои умумии зарурӣ фароҳам меорад, **оварда шудааст;**

**-мушаххас карда шудааст,** ки системаи идоракунии инфрасохтори нақлиётӣ, аз як тараф чун қисмати инфрасохтори хоҷагии халқ ва аз ҷониби дигар, ҳамчун қисмати ташкилии серсоҳа – комплекси нақлиётӣ баррасӣ мегардад;

-барои идоракунии самараноки инфрасохтори нақлиёт, сохторбандӣ ва гурӯҳбандӣ шудаанд, ки бар асоси таҳқиқоти гуногуни мутахассисони ватанӣ ва хориҷӣ дар пояи меъёрҳои мухталиф **иҷро шуданд;**

**-муқаррар карда шудааст,** ки суръат гирифтани ҳамгироии идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ бо системаи ягонаи нақлиётии мамлакат ҷараёни тезонидани интиқоли молҳоро дар сохтори иқтисодии кишвар таъмин мекунад;

**-исбот карда шуааст,** ки рушди муваффақонаи системаи нақлиётӣ ба самаранокии идоракунии он вобаста аст. Агар инфрасохтори нақлиётӣ ба таври самаранок идора карда шавад, рақобатпазирии он зиёд мешавад, истифодаи имкониятҳои транзитӣ самараноктар мегардад ва рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи нақлиёт таъмин мешавад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ:** Дар ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори илмӣ, ба монанди таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва муҳимияти он, мақсади гузошташуда, иҷрои вазифаҳои он бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст. Муаллиф дар таҳқиқи консепсияи идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётӣ, таркиб ва таснифи унсурҳои он, нишонаҳо ва меъёрҳо барои ҳамкорӣ бо соҳаҳои дигари иқтисодиёти кишвар, такмили асосҳои консептуалии идоракунии рушди стратегии инфрасохтори нақлиётӣ саҳми худро гузошта, хулоса, пешниҳодоти илмиро ба даст оварда, мақолаҳои илмӣ нашр кардааст.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 14 январи соли 2025 қарори сазовор донистани Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович бо дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар маҷлиси шурои диссертатсионӣ аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла доктрони илм оид ба ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда 5 нафар. Овоз доданд: тарафдор 10 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

**Раиси**
**шурои диссертатсионӣ**
**д.и.и., профессор** **Раҳимзода Ҳ.Р.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ,**
**н.и.и.** **Қодирзода Н.Ҳ.**

**14 январи соли 2025**

# ҚАРОРИ

## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015-и назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ

**аз 14 январи соли 2026, №8.** **ш. Душанбе**

Суханронии Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт), тақризи муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, суханронии муқарризони расмӣ – Ҷалилов Умарҷон Ҷамилович – доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи ташкили интиқол ва идора дар нақлиёти Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ, Давлатзода Эҳсон Давлат – номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба таълими факултети молия ва қарзи Донишгоҳи байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, муқарризони ғайрирасмӣ – д.и.и., профессор Самандарзода И.Ҳ., д.и.и. профессор Шамсзода И.С., н.и.и., Файзуллоева С.Ҷ., д.и.и., профессор Раҳматзода Ҳ.Б. ва д.и.и., дотсент Ғоибназарзода С.М.-ро шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович

## ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дар мавзуи «Такмилдиҳии механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори нақлиётии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2 – Иқтисодиёт (5.2.8 – Иқтисодиёти нақлиёт) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ Наҷмуддинов Назархоҷа Акбарович аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 10 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
д.и.и., профессор Раҳимзода Ҳ.Р.

Котиби илмии Шурои
диссертатсионӣ, н.и.и. Қодирзода Н.Ҳ.

Ҷ.М.

***14 январи соли 2026***